# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Абдуллаев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иктисодиёт)

Абдуллаев Акмал Абдуҷаборович докторанти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” маҳсуб ёфта, тайи 6 сол доир ба таҳқиқи таҳияи низоми таҳсилоти фосилавӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ фаъолияти илмӣ карда истодааст. Мавсуф соли 2016-ум ба шуъбаи магистратураи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дохил шуда, соли 2018-ум онро бомуваффақият хатм намуд. Соли 2022-юм шуъбаи докторантураи донишгоҳи номбурдаро бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Аз соли 2018-ум то инҷониб мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ”-ро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дод. Абдуллаев А.А. дар давоми солҳои сипаригардида бо теъдоди зиёди мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва диссертатсияҳои дифоъгардидаро шинос шуда, барои кори диссертатсионии худ маводи заруриро ҷамъоварӣ намуд. Натиҷаи таҳқиқоти рисоланавис дар мақолаҳои илмии ба табърасидааш инъикос ёфтааст. Докторант оид ба паҳлуҳои мухталифи мавзӯъ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърузаҳо кардааст.

Таҳқиқи масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ яке аз корҳои арзишманду манфиатовар маҳсуб мешавад. Зеро омӯзиши илмии низоми таҳсилоти фосилавӣ ва дар шакли рисолаи илмӣ пешниҳод намудани роҳу усулҳои муосир дар рушди рӯзафзуни ин соҳа заминаи мусоид фароҳам меорад. Диссертатсияи номзадии Абдуллоев Акмал Абдуҷаборович дар мавзуи “Воситаҳои инструменталии муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавӣ” маҳз бо назардошти ҳамин ҳадаф таълиф гардидааст.

Дар муқаддимаи рисола мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ, методология, навгониҳо ва зарурати тадбиқи таҳқиқот муайян карда шудааст.

Дар боби якуми рисола бо истифода аз сарчашмаҳои ватаниву хориҷӣ докторант барои илман муайян намудани мафҳуми васеи "амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ" таҳқиқоти мукаммал анҷом додааст. Аз ин рӯ, номи боби якум "Низоми таълими фосилавӣ ва зарурияти арзёбии амнияти иттилоот" номгузорӣ шудааст. Дар сарчашмаҳои ватанӣ ва хориҷӣ масъалаҳои омӯзиши амсила ва алгоритми таҳия ва инкишофи низоми таҳсилоти фосилавӣ акс ёфтаанд. Муаллифи рисола дар тадқиқоти илмии худ омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои таҳияи амсилаи муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавиро ба роҳ мондааст.

Дар боби дуюми рисола "Амсиласозии арзёбии самаранокии амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ" меъёрҳои математикӣ ва иқтисодии амнияти иттилоотӣ дар низоми таҳсилоти фосилавӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

"Арзёбии самаранокии иқтисодии ҳифзи иттилоотӣ" боби сеюми рисола аст, ки дар он тадбиқи амалии амсилаю барномаҳои коркардгардида дар низоми таҳсилоти фосилавӣ оварда шудааст. Амнияти иттилоотии низоми таҳсилоти фосилавӣ, ки аз тарафи муаллиф таҳия шудааст, дар МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва МДТ-и "Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд " мавриди истифода қарор гирифтааст.

Зимни анҷоми кори диссертатсионӣ Абдуллоев А.А. худро ҳамчун муҳаққиқи боистеъдод нишон дода, дар асоси омӯзиши амсилаҳои таҳиягардида воситаҳои инструменталӣ муайян намудани самаранокии амнияти иттилоотӣ дар таълими фосилавиро пешниҳод намуд.

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзуи илмӣ 5 мақола

дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида ва 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналҳалқӣ ба нашр расонидааст.

Мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи диссертатсияи Абдуллаев А.А. мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд ва ба ҳамаи талаботҳои мавҷуда нисбати таҳқиқотҳои илмӣ дар доираи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ҷавобгӯ мебошанд.

Дар ин замина, диссертатсияи А.А.Абдуллоевро кори илмии бaанҷомрасида ҳисобида, онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050605 - Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) барои ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон, академики
Академияи байналмилалии илмҳои ташкилӣ Ҷурабоев Ғ.Ҷ.

Суроғаи донишгоҳ:
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
х.Борбад 48/5 тел. (+992) 934369060
e-mail: gafurjon51@mail.ru

Имзои Ғ.Ҷ.Ҷурабоевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

20.06.2023